Т А Қ Р И З

ба автореферати кори диссертатсионии
Файзуллозода Эркин Фатҳулло дар мавзӯи
«Таҳқиқи хосиятҳои протолитии кислотаҳои органикӣ
ва равандҳои комплексҳосилшавии онҳо бо d–металлҳои интиқолӣ»,
ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои химия аз рӯйи
ихтисосҳои 1.4.2. Химияи ғайриорганикӣ ва 1.4.5. Химияи физикӣ
пешниҳод шудааст

Бахши асосии химияи координатсионирo пайвастҳое металлҳои интиқолӣ бо аминокислотаҳо ташкил медиҳанд. Онҳо дорои фаъолияти баланди биологӣ буда, барои олимон хаматарафа ҷолиб мебошанд, чунки дар равандҳои гуногуни физиологӣ иштирок намуда, ҳамчун катализаторҳо ба ҳолати мувозинатӣ ва суръати реаксияҳо таъсир мерасонанд. Натиҷаҳои бадастомадани ин гуна пайвастҳо дар таҳқиқотҳои илмӣ, тиб, кишоварзӣ ва ғайра васеъ истифода хоҳанд шуд. Комплексҳои металлҳои интиқолӣ дар технологияи лазерӣ ва оптикӣ, инчунин дар истеҳсоли диодҳои нурафканӣ истифода мешаванд.

Масъалаҳои ҷанбаҳои гуногуни ҳосилшавии пайвастҳои комплексии як қатор металлҳо бо лигандҳои органикӣ хушбахтона дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба таври ҷиддӣ омӯхта мешаванд. Аммо, маълумоти муқоисавӣ дар бораи таъсири табиати металл-комплексҳосилкунанда, лигандҳои органикӣ, қувваи ионӣ ва ҳарорат ба хосиятҳо ва устувории комплексҳо то ҳол кам омӯхта шудаанд. Ҳангоми омӯзиши комплексҳосилшавии металлҳои гуногун, омӯзиши таъсири омилҳои гуногун ба равандҳои комплексшавӣ, муайян намудани конуниятхои дар системахо буда муҳим мебошад. Ин на танҳо барои химияи ғайриорганикӣ, балки барои ҳалли масъалаҳои зиёд дар фанҳои физикию химиявӣ ва биологӣ-химиявӣ низ муҳим аст.

Бинобар ин, кори диссертатсионии Файзуллозода Э.Ф., ки ба муқаррар кардани хосиятҳои протолитии кислотаҳои атсетат, глитсин, систеин, серин ва метионин равандҳои комплексҳосилшавии онҳо бо металлҳои интиқолӣ: Mn, Fe, Co, Cu, Zn ва Ag бо усулҳои потенсиали оксидонии Кларк-Николский, титронии pH-метрӣ ва потенсиометрӣ, тартиб додани моделҳои комплексҳосилшавӣ, муайян кардани таркиб, устуворӣ, бахшида шудааст, як вазифаи муҳими илмӣ мебошад.

Дар натиҷаи таҳқиқотҳои гузаронидашуда аз тарафи муаллиф аввалин бор равандҳои диссотсиатсияи электролитии аминокислотаҳои серин ва систеин дар

панч ҳароратҳои гуногун, вобаста аз панч қуввахои ионии маҳлулҳои кории гуногун таҳқиқ карда шудааст. Дар шароитҳои овардашуда қиматҳои константаҳои диссотсиатсияи лигандҳои таҳқиқшуда муайян гаштааст. Муодилаҳои риёзии вобастагии ин қиматҳо аз ҳарорат ва қуввахои ионии маҳлулҳои корӣ, зарибҳо ва саҳеҳияти таҷрибаҳо муайян карда шудааст. Равандҳои ҳосилшавии комплексҳои гомо- ва гетеровалентиву гетроядрой дар системаҳои Mn(II)-Mn(IV)-CH_3COOH-C_2H_5OH ва Fe(II)-Fe(III)-Co(II)-Gly-H_2O дар ҳароратҳои 298,2; 308,2 К ва қуввахои ионии маҳлулҳои кории гуногун (0,10÷1,00 мол/л) бо усули потенсиали оксидонӣ таҳқиқ гардида, таркиби комплексҳо, параметрҳои моделӣ ва базисӣ, таъин гардидани муодилаҳои регресионии вобастагии константаи ҳосилшавии комплексҳо аз ҳарорат, қуввахои ионии маҳлулҳои корӣ, зарибҳои онҳо ва саҳеҳияти таҷрибаи гузаронидашуда, модели мувозинатҳои химиявӣ таъин карда шудааст. Аввалин маротиба равандҳои ҳосилшавии комплексҳо дар системаҳои Cu(II)-Cys-H_2O; Zn(II)-Ser-H_2O ва Ag(I)-Met-H_2O дар ҳарорат ва қуввахои ионии гуногуни маҳлул бо усули pH-метрӣ, таҳқиқ гардида, таркиби комплексҳо, параметрҳои моделӣ ва базисӣ таъин карда шуд ва муодилаҳои регресионии вобастагии константаҳои ҳосилшавии комплексҳо аз ҳарорат ва қуввахои ионии маҳлули корӣ, зарибҳои онҳо ва саҳеҳияти таҷрибаи гузаронидашуда, модели мувозинатҳои химиявӣ пешниҳод карда шуда таҳқиқ гаштаанд. Ба гайр аз ин, дар системаи Ag(I)-Met-H_2O бори аввал муодилаҳои изотерма ва изобараи реаксияҳои химиявӣ ва ҳамаи функсияҳои термодинамикӣ дар ҳамаи равандҳои комплексҳосилшавии ионҳои нуқра(I) бо метионин дар маҳлулҳои обӣ ҳисоб шудааст.

Бо зикри сифати баланди таҳқиқот ва эътимоднокии натиҷаҳои бадастомада, инчунин қайд кардани баъзе шарҳҳое, ки метавонанд барои кори минбаъдаи илмии муаллифи диссертатсия муфид бошанд, зарур аст.

1. Робитаи байни таҳқиқоти бунёдӣ ва амалия равшантар шарҳ дода шавад.

2. Маълумоти таҷрибавии ҳосилшудаҳоро дар куҷо истифода бурдан мумкин аст?

3. Барои пурратар шудани эътимоднокии натиҷаҳо истифодаи усулҳои иловагӣ (кондуктометрия ва спектрофотометрия) дар кори мазкур хуб мешуд.

Шарҳҳои пешниҳодшуда ба ҳеҷ ваҷҳ аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаро коҳиш намедиҳанд ва ба сифат ё баҳодиҳии умумии мусбати кори диссертатсия таъсир намерасонанд.

Диссертатсия як таҳқиқоти мустақил, тахассусӣ ва анҷомёфта аст, ки масъалаи муҳими дорои аҳамияти илмӣ ва амалиро ҳал мекунад.

Бо дар назардошти гуфтаҳои боло, метавон тасдиқ кард, ки диссертатсионӣ дар мавзуи «Таҳқиқи хосиятҳои протолитии кислотаҳои органикӣ ва равандҳои комплексҳосилшавии онҳо бо d – металлҳои интиқолӣ» таҳқиқоти илмии мустақили тахассусӣ буда, ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.08.2026, № 591 тасдиқ шудааст ва барои диссертатсияҳои докторӣ пешниҳод шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он **Файзуллозода Эркин Фатҳулло** бешубҳа сазовори гирифтани дараҷаи илмии доктори илмҳои химия аз рӯйи ихтисосҳои 1.4.2. Химияи ғайриорганикӣ ва 1.4.5. Химияи физикӣ мебошад.

Доктори илмҳои биология,
доктори илмҳои фарматсевтӣ,
профессори кафедраи химияи органикӣ
ва биологии Донишгоҳи давлатии
омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ Бобизода Ғ.М.

Суроға: 734003, ш. Душанбе, х. Рудакӣ, 121.
Телефон: +992918170360
E-mail: bobievgm@mail.ru

Имзои доктори илмҳои биология, доктори илмҳои фарматсевтӣ, профессори кафедраи химияи органикӣ ва биологии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ Ғ.М. Бобизодаро **тасдиқ мекунам**:

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДОТ ба номи С. Айнӣ Қодирзода С.

«30» 10 соли 2026

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС